O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI
OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU. ILMIY XABARLAR-

1995-yildan nashr etiladi
Yildа 6 marta chiqadi

5-2023

# НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

**F.A.Yuldashev**
Axborotlashgan jamiyatda ehtiyoj va manfaatlarni tadqiq etishning muhim jihatlari ..................... 108
**M.M.Teshaboyev**
Jamiyatda ijtimoiy adolat va ijtimoiy tenglik ..................................................................................... 115

SIYOSAT

**H.M.Rasulov**
Ommaviy axborot vositalari - siyosiy-huquqiy madaniyat targ‘iboti subyekti sifatida .................... 120
**K.X.Avazov**
Siyosiy tadqiqotlar tizimida tahdid, tahdidbardosh jamiyat tushunchasining mazmun-mohiyati............................................................................................................................. 124
**B.M.Jo‘raquziev**
Yangi O‘zbekistonda “inson – jamiyat – davlat” tamoyilining qaror topishi xususida .................... 129
**D.A.Mamajonova**
Inson va fuqarolarning huquq va erkinliklarini ishonchli himoya qilish kafolatlarini ta’minlash. ma’muriy, jinoyat va fuqarolik qonunchiligini takomillashtirish.................................... 133
**I.A.Raximov**
“Fuqarolarning o‘zini-o‘zi boshqarish organlarining-milliy demokratik institut sifatidagi o‘rni” ...................................................................................................................................... 138

ТАРИХ

**E.G.Radjapov**
Badiiy hamda san’at asarlarida o‘zbek tog‘-otliq diviziyasi qo‘mondoni Mirkomil Mirsharopov talqini ................................................................................................................................ 142
**B.M.Abdullayev, N.Sh.Kambarov**
Ilk Temir davrida ko‘mish marosimiga oid ........................................................................................ 148
**X.S.Jumanazarov**
Turkiston o‘lkasida tibbiy muassasalar faoliyati tarixi.................................................................. 154
**S.R.Tolibova**
O‘zbekistonning Osiyo davlatlari bilan hamkorlik yo‘nalishlari (Asean davlatlari misolida) .......... 159
**X.X.Azimov**
Qadimgi va ilk o‘rta asrlar Markaziy Osiyo va Xitoy savdo aloqalari (Xitoy manbalari asosida) ............................................................................................................ 167
**K.S.Karimov**
Turkistonda mustamlaka huquqiy taksanomiyasi ta’sirida xalq sudyalari lavozimiga tayinlash tartiblari .................................................................................................................. 171
**N.Xudoyberdiyeva**
Mustaqillik yillarida Surxondaryo viloyatida tadbirkorlikning rivojlanishi ....................................... 176
**F.U.Temirov**
Turkistonda matbuotchilikning shakllanishi va Sadriddin Ayniyning publisistik faoliyati ............... 179
**M.H.Isamiddinov**
O‘zbekistonning antik davr moddiy madaniyatining o‘ziga xos tomonlari.................................... 183

ADABIYOTSHUNOSLIK

**A.G.Sabirdinov**
Omon Muxtor romanlariga chizgilar ................................................................................................ 188
**M.H.Mamatov, P.M.Ahmadchonov**
Sayfiddin Muhammad Farg‘oniy ijodida tasavvufiy tamoyillar...................................................... 191
**P.M.Axmadjonov**
Sayf Farg‘oniyning tarjimai holi va hayot yo‘liga doir .................................................................. 195
**G.H.Axmedova**
Ingliz adabiyotida jorj eliotning ijodi va tanqidiy realizm .............................................................. 200
**G.V.Abdullayeva**
Topishmoq she’rlar va ularning badiiy-estetik funksiyasi ............................................................. 204

ADABIYOTSHUNOSLIK

UDK: 821.51.1.11+21/.22 DOI: 10.56292/SJFSU/vol29_iss5/a39

# SAYFIDDIN MUHAMMAD FARG‘ONIY IJODIDA TASAVVUFIY TAMOYILLAR

# ТАМОИЛҲОИ ТАСАВВУФӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ САЙФИДДИН МУҲАММАДИ ФАРҒОНӢ

# МИСТИЧЕСКИЕ ТЕНДЕНЦИИ В ТВОРЧЕСТВЕ САЙФИДДИНА МУХАММАДА ФАРГАНИ

# MYSTIC TENDENCIES IN THE WORKS OF SAIFIDDIN MUHAMMAD FARGHANI

**[1]Маматов Мамадҷон Аҳмадҷонович**
[1]доктори илмҳои фалсафа, профессори Донишгоҳи давлатии Фарғона

**Аҳмадҷонов Парвизҷон Маҳамадзода[2]**
[2]муаллими кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона

***Annotatsiya***

*XIII-asrning eng buyuk shoirlaridan biri Sayfiddin Muhammad Farg‘oniy hayoti va ijodining o‘ziga xos xususiyatlari bo‘yicha bugungi kungacha keng qamrovli va har tomonlama ilmiy izlanishlar olib borilmagan. Uning hayotligida va undan keyin yozilgan aksariyat tazkiralarda, tarixiy manbalarda, shuningdek, mahalliy va xorijiy adabiyotshunos olimlarning fors va tojik adabiyoti tarixiga bag‘ishlangan kitoblarida faqat Sayfiddin Muhammad Farg‘oniyga ishoralar ko‘zga tashlanadi xolos. Ushbu maqolada Sayfiddin Muhammad Farg‘oniy hayoti va ijodining turli qirralari o‘rganilib, tadqiq etilgan.*

***Аннотатсия***

*То ба имрӯз дар бораи ҳаёт ва вижагиҳои эҷодиёти Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ – яке аз бузургтарин шоирони асри XIII таҳқиқоти густарда ва фарогири илмӣ сурат нагирифтааст. Дар аксари тазкираҳои дар замони зиндагии ӯ ва баъд таълифёфта, таърихномаҳо, инчунин дар китобҳои ба таърихи адабиёти форсу тоҷик бахшидаи адабиётшиносони ватанию бурунмарзӣ танҳо ишораҳо ба Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ ба чашм мерасаду халос. Дар мақолаи мазкур баъзе паҳлӯҳои мухталифи ҳаёту эҷодиёти Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст.*

***Аннотация***

*До сегодняшнего дня не проводились обширные и всесторонние научные исследования жизни и особенностей творчества Сайфиддина Мохаммада Фаргани – одного из величайших поэтов XIII века. В большинстве тазкиров, написанных при его жизни и позднее, историографиях, а также в книгах, посвященных истории персидской и таджикской литературы отечественных и зарубежных литературоведов, видны лишь упоминания о Сайфиддине Мохаммаде Фаргани. В данной статье изучены и исследованы некоторые различные стороны жизни и творчества Сайфиддина Мохаммада Фаргани.*

***Abstract***

*Until today, there has not been extensive and comprehensive scientific research on the life and features of the work of Sayfiddin Mohammad Farghani - one of the greatest poets of the 13th century. In most of the tazkiras written during his lifetime and later, historiographies, as well as in the books devoted to the history of Persian and Tajik literature by domestic and foreign literary scholars, only references to Sayfiddin Mohammad Farghani are visible. In this article, some different aspects of the life and creativity of Sayfiddin Mohammad Farghani have been studied and investigated.*

***Kalit so‘zlar:*** *so‘fiyona g‘oyalar, ijodiyot, tamoil, tasavvuf, Sayf Farg‘oniy, shayxlar shayxi, Rum.*
***Калид вожаҳо:*** *ғояҳои сӯфиёна, эҷодиёт, тамоил, тасаввуф, Сайфи Фарғонӣ, шайхи шайхҳо, Рум.*
***Ключевые слова:*** *суфийские идеи, творчество, тенденции, суфизм, Саиф Фергани, шейх* шейхов, Рим.
***Key words:*** *Sufi ideas, creativity, tendency, Sufism, Saif Ferghani, sheikh of sheikhs, Rome.*

## САРСУХАН

Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ, ки аҳли илму адаб ӯро ба исми Сайфи Фарғонӣ шинохтаанд, дар нимаи аввали асри XIII дар водии Фарғона таваллуд ёфтаву ба камол расида. Ҳаёти Сайфи Фарғонӣ бинобар истилои Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби муғулҳо муназзам паси сар нашудаву ӯ ҳам чун шоири ҳамзамонаш Ҷалолиддини Балхӣ дар Туркия паноҳ ҷуста. Вай бо хираду меҳнат ва истеъдоди фитрии худ сазовори эҳтироми хосаи аҳли илму адабу мансаб гардида бошад ҳам, таклифи хидмати дарборро напазируфтани ӯ шаҳодатест аз мардумписандиву мардумпазирии ӯ. Бино ба маълумотҳои пароканда Сайфи Фарғонӣ дар ибтидои асри XIV дар шаҳраки Оқсаройи Туркия фавтидааст. Ба унвони “Шайхи

шайххо” мушарраф гардидани Сайфи Фарғонӣ далолате аз нуфузи ӯст. Ба туфайли дониши амиқи илоҳиётшиносӣ ва шоири хеле хирадманду баркамоли замони худ буданаш дар мавзеи Рум (Туркияи имрӯза) ҳаводорони зиёдеро дар гирди худ ҷамъ оварда. Ҳатто худи ноиби элхонон Муҷируддини Амиршоҳ низ яке аз ихлосмандони ӯ буда[1,10]. Гиреҳҳои нокушудаи сиришту сарнавишти ин нобиғаи давру замон таваҷҷуҳи муҳаққиқони пешину кунунро бештар гардонда бошад ҳам, то ба ҳол уқдаҳои нокушудаи ҳаёту эҷодиёти ӯ ба таври мукаммал мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор наёфта. Ва ин ҷо кӯшише рафта, ки тавассути таҳлили чанд осори гаронбаҳояш майлу рағбати ӯро ба ҷараёни тасаввуфӣ ва тамоилҳои он мунъакис намоем.

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Як нусхаи дастхатҳои осори шоир дар китобхонаи Донишгоҳи Истамбул (таҳти рақами № F171), нусхаи дуюм дар китобхонаи Воҳидпошшо дар шаҳри Кутоҳияи Туркия (таҳти рақами № 1575) ва саввумӣ дар Осорхонаи Тӯпқопусаройи Туркия (таҳти рақами № 984) маҳфузанд[1;6]. Девони шоир дар Эрон[7] ва Тоҷикистон[8] низ интишор ёфта. Танҳо чанд намунаи тарҷумаи ашъори ӯ ба забони ӯзбекӣ ба табъ расида[8;9], ашъори боқимондаи ӯ мунтазири тарҷумаву таҳқиқ мебошад. Аз байтҳои зерини шоир дарк кардан душвор рест, ки ӯ аз тақдири ашъор нороҳат будаву гумоне ҳам карда, ки шеърҳояш чун ганҷе, ки дар хоки Рум хуфта, бе ному нишон мемонанд:

Нигоро, Сайфи Фарғонист бе ту
Чу булбул, к-аз гулистон боз монад.
Зари ашъори ӯ дар Рум ганҷест,
Ки зери хок пинҳон боз монад.[4;56]

Натиҷаи пажӯҳишоти зиёд олимони номвари водии Фарғона чун М.Мадғозиев, Ҳ.Юсупов, Ҳ.Ҳомидӣ, Б.Аҳмадов, М.Маматов муваффақ бар он шудаанд, ки камубеш доир ба шинохт ва эҷодиёти Сайфи Фарғонӣ тадқиқотҳоеро ба сомон расонанд. Аз ҷумла, соли 1962 Бӯривой Аҳмадов китобчаеро (иборат аз бисту се саҳифа) бо номи “Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ”, соли 1990 мақолаи Ҳамидҷон Ҳомидӣ роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёти Сайфи Фарғонӣ бо номи “Мазлумларнинг кӯз ёши” (Оби чашми мазлумон), соли 1994 мақолаи ҳаммуаллифии мудири кафедраи таърихи адабиёти ӯзбеки Донишгоҳи давлатии Фарғона М. Мадғозиев ва муаллими кафедраи забони ӯзбекӣ ва назарияи тарҷима Ҳ. Юсупов бо номи “Шайх Саъдий Шерозийнинг фарғоналик дӯсти” (Дӯсти фарғонии Шайх Саъдии Шерозӣ) интишор кардаанд. Мақолаи мазкур дар иртибот бо маводҳои фавқулзикр бо услуби қиёс мавриду муҳокимаву баррасӣ қарор гирифта, тавассути таҳлили амиқи осори ӯ шояд дар инъикоси ашъори шоир ва таърихи пуршарафи халқамон ҳиссаи ноарзандаи хешро гузорем.

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Барои расидагӣ ба дараҷаи олимӣ соҳиби дониши амиқ будан ва барои расидагӣ ба унвони устоди уламои замони худ бо далелҳо собит намудани афкори худ таваҷҷуҳи аҳли илму адабро афзун мекунад. Аслан, ҳангоми баррасии ашъори Сайфи Фарғонӣ бар ин ақоид, ки шоир соҳиби дониши амиқи ирфонӣ будаву хиради ӯ нисбати олимони давр ба маротиб бештар аст, метавон эътимод кард. Зеро Сайфи Фарғонӣ дар радифи ашъори худ, ки қисмате фарогири нақди вазъи сиёсиву иҷтимоист, ба тамоилҳои тасаввуф низ таваҷҷуҳи хоса дорад. Дар ин хусус, яъне муносибати шоир ба тасаввуф, хулосаи Е.Э.Бертелс: “бидуни омӯзиши адабиёти тасаввуф дар бораи ҳаёти фарҳангии асрҳои миёна дар Шарқи мусалмонӣ тасаввуроти равшан пайдо кардан мумкин нест”, – хеле мавридшиносона зикр гардида[2;54]. Дар асри XIII рушди тамоилҳои тасаввуфӣ чунон боло рафта, ки онро “давраи классик” низ унвон мекунанд[3;17]. Маҳз дар ҳамин давр мактабҳои тасаввуфӣ арзи ҳастӣ карда, ин даврро метавон давраи тиллоии тасаввуф арзёбӣ кард, ҳарчанд ҳуҷуму вахшонияти муғулҳо ҳукмронӣ дошт, зиёиёни Осиёи Миёна иҷборан рӯ ба муҳоҷират оварда Туркия, Димишқ, минтақаи Ҳиҷоз ва Мисрро паноҳгоҳи хеш қарор додаанд.

Омилҳои зиёде ҷаҳони тафаккури исломиро рушду ташаккул бахшида, боиси рӯи кор омадани асарҳои зиёде дар доираи фанҳои исломӣ гардида, ба рушди суннатҳои исломӣ заминагузорӣ намудаанд. Мафҳумҳо ва тамоилҳои нави тафаккури динӣ дар иртиботи таълими мадорис ва рушди ақоиди мазҳабӣ вориди адабиёти сӯфиёна гардидааст.

Муҳимтарин имтиёзи ин давр дар ин падид омада, ки ҳаракати ҷисмӣ аз Шарқ ба Ғарб сурат гирифтаву ҳаракати зеҳнӣ аз Ғарб ба Шарқ.

Туркия аз манотиқҳое маҳсуб меёбад, ки он ҷо тасаввуф бо ҳама тамоилҳояш доман густурдааст. Қисмате аз ашъори шоир, ки маҳз дар ин макон таълиф гардидааст, дар иртибот ба таълимоти тасаввуфӣ рӯи коғаз омада ва ин қабил осори шоирро бидуни афкору андешаҳои сӯфиёна, ки сайри ҷаҳон дорад, наметавон баррасӣ кард. Дар ҷараёни омӯзиши шаклу мазмун, роҳу услуби эҷодиёти шоир метавон хулоса кард, ки таърифи ӯ ба унвони "Шайхи шайхҳо" (Шайхишшуюх) тасодуфӣ набуда ва ашъори мондагораш далеле аз пешсафони аҳли тасаввуф будани ӯст. Инак, як намуна:

Насиҳат мекунам, бишнав, бар он бош,
Ба дил гар мустамеъ будӣ, ба ҷон бош.
Ба тан гар ҳамчу инсон бар заминӣ,
Ба дил ҳамчун малак бар осмон бош.
Дар ин марказ, ки ҳастӣ ҳамчу паргор,
Ба сар берун, ба пой андар миён бош.
Ба ҳиммат, к-аш баландӣ васфи зот аст,
Сӯи боми маолӣ нардбон бош!
Ба рағбат хидмати зиндадиле кун,
Зи мурдан баъд аз он эмин чу ҷон бош...
Миёни мардум ар хоҳӣ бузургӣ,
Раҳо кун хӯрдагирӣ, хӯрдадон бош,
Ба бад кардан ба ҷои душман, эй дӯст,
Агарчи метавонӣ, нотавон бош!
Ба зар пошидан андар пои ёрон
Чу дай гарчанд бебаргӣ, хазон бош.
Агарчи нестӣ заргар чу хуршед,
Чу абр андар сахо гавҳарфишон бош.
Зи маънӣ чун садаф шав сина пурдур,
Валекин ҳамчу моҳӣ безабон бош...
Чу сурма то ба ҳар чашме даройӣ,
Бирав, равшан чу мили сурмадон бош.
Гар аз мунъим наёби хушк ноне,
Ба оби шукри ӯ ратб-ул-лисон бош...
Валек аз табъи дун машнав, ки гӯяд,
Чу саг ба ҳар даре аз баҳри нон бош!
Чу нафсат оташи шаҳват кунад тез,
Бирав, аз оби сабр оташнишон бош!
Гарат шодӣ бувад, аз ғам бияндеш,
Гарат андӯҳ расад, раҳб-ул-ҷинон бош!
Чу об ин ҷо ба додан базл кун сим,
Чу зар он ҷо аз оташ безиён бош.
Насиби ҳар касе аз худ ҷудо кун,
Гадоро нону сагро устухон бош.
Ба лутф, эй Сайфи Фарғонӣ, зи мардум
Чу чашми масти хубон дилситон бош.
Ба эҳсон мардуми ранҷурдилро
Чу рӯи некӯён роҳатрасон бош.
Ба ҷуд арчи ба обат дастрас нест,
Ҳаёти халқро иллат чу нон бош!
Аз оби ҷӯй мустағнӣ чу баҳрӣ,
Ба хоки хеш мустазҳар чу кон бош!
Ба зикр ар охир афтодӣ чу таърих,
Ба номи нек аввал чун нишон бош![5;144]

Дар ин мисраъҳои болоӣ тамоилҳои тариқати тасаввуфӣ, ки бар он Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Баҳоуддини Нақшбанд асос гузоштаанд, баръало намудор мешавад. Шеър бо рукнҳои “сафар дар ватан” (байти сеюм), “хилват дар анҷуман” (байти дуюм), “ёдкард” (байти бисту якум) ва маҳз ба шиори “Дил ба ёру даст ба кор” мувофиқат дорад. Дар ин ҷо андаке тавзеҳот додан ба баъзе рукни болоӣ мувофиқи матлаб мебуд: “Сафар дар ватан – он аст, ки солик (пайрави тариқат) дар боли тафаккуру тахайюл, яъне фикран тамоми гетиро давр зада барояд, дар ҷойи худ нишаста фикран сафари дунё кардан.[9] “Хилват дар анҷуман – яъне дар миёни анҷуман, ки маҳзари тафриқа ва ихтилоф аст, ботинан дар хилват кdesireор дошта бошад ва аз тафриқаи берунӣ ба ҳуҷраи дарунии хилват роҳ ёбад. Ёдкард – ба ин маънӣ, ки солик бояд дар ҳар ҳолат дар ҳоли зикри қалбии Худованд қарор дошта бошад[10]. Ин қабил афкори тасаввуфии осори Сайфи Фарғонӣ дар осори Аҳмад Яссавӣ низ падидор аст, ки ин далеле аз арзишҳои қадимиву миллии мардуми мост.

## ХУЛОСА

Тадқиқи рушди илми тасаввуф аз ҷониби чанде аз донишмандони бузург гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва осори аҳли тасаввуф, хассатан Сайфи Фарғонӣ, дар ҷаҳон ҷойгоҳи худро дорад. Анъанаҳои тасаввуф, ки аз сарзаминҳои араб сарчашма гирифтаанд, дар Шарқ, дар Осиёи Марказӣ, махсусан дар Ӯзбекистон ҳам хеле ташаккул ёфтааст.

Алҳол замони он расида, ки аз шоҳасарҳои ҳамватанонамон, чун Сайфи Фарғонӣ, ки дар мусофират умр ба сар бурда, осораш мунъакиси маънавиёти волои халқамон мебошад, баҳри ҳидояти насли наврас сӯи камолот истифода шавад. Агар аз нусхаҳои девони Сайфи Фарғонӣ, ки Туркия мавҷуд аст, нусха гирифта, ин осори гаронбаҳо ба забони ӯзбекӣ тарҷума гардад, мувофиқи мақсад ва ҳам дар амалигардонии сиёсати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ин замина, вазифаи муайяне ба сомон мерасид.

### РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


1. Аҳмедов Б. Сайфуддин Муҳаммад Фарғоний.–Тошкент: Қизил Ўзбекистон, Правда Востока, Ўзбекистони сурх бирлашган нашриёти, 1962. – 23 с.
2. Бертельс Е.Э. Суфизм и сӯфийская литература. –М.: Наука, 1965. – 524 с.
3. Комилов Н. Тафаккур карвонлари. –Тошкент: Маънавият,1999. – 320 с.
4. Сайфи Фарғонӣ. Девон. (тожик тилида). Муқаддима муаллифлари А.Афсаҳов ва У.Каримов. – Душанбе: Дониш. 1978. – 138 с.
5. Сайфи Фарғонӣ. Девон. Бо таҳия ва тадвини Иброҳими Наққош. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2023. – 768 с.
6. Маматов М.А. Монография. Тасаввуф таълимотининг тарихий-фалсафий моҳияти. –Тошкент: Ўзбекистон Халқаро Ислом академияси. 2018. – 200 с.
7. ذبیح‌الله صفا. دیوان سیف فرغانی. به تصحیح و مقدّمة ذبیح‌الله صفا. انتیشرات فردوسی، تهران، 1392
8. Маматов М. А. Муҳаммад Сайфи Фарғоний ижодида тасаввуф тамойиллари. // Марказий Осиё фалсафий тафаккури тараққиётида тасаввуф таълимотининг ӯрни ва аҳамияти. – Бухоро, 2022. – 184 с.
9. https://ovozitojik.uz/news/view?slug=hilvat-bihoxu-dar-anjuman-bosh
10. https://www.anrt.tj/tj/khabar-o/1130-ba-ovuddini-na-shband-dil-ba-joru-dast-ba-kor